**ХУЛОСАИ**

**комиссияи ташхиси шўрои диссертатсионии 6D.КОА-013-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Ҷураев Мехроҷ Бобоқулович дар мавзуи «Ташаккули рақобатнокии низоми иқтисодии минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рўйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ)**

1. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Ҷураев Мехроҷ Бобоқулович бо номи «Ташаккули рақобатнокии низоми иқтисодии минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» муҳим ва актуалӣ мебошад. Он таҳқиқоти илмӣ-тахассусии баитмомрасида дониста шуда, меҳнати мустақилонаи докторант ба шумор меравад, ки ҳалли муаммоҳои афзалиятноки илмӣ-назариявӣ, ташкилӣ-методии равандҳои асосии ташаккули рақобатнокии низоми иқтисодии минтақаро дар бар гирифтааст. Таҳқиқоти илмӣ ҷанбаҳои назариявӣ ва мундариҷаи иқтисодии рақобатнокии минтақа, равияи методии баҳодиҳии вазъи рақобатнокии иқтисодиёти минтақа, ҳолат ва тамоюлоти таъмини рақобатнокӣ дар иқтисодиёти минтақа, таҳияи тадбирҳои мушаххас оид ба такомули механизми таъмини рақобатнокии минтақавиро дар бар мегирад.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Мавзуи диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои таҳқиқшаванда дар соҳаи иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба шумор меравад, ки матни он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм, ки аз руйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рўйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 –

Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ), ки вобаста аз он ба шӯрои диссертатсионӣ тибқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти №10/дс ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Натиҷаҳои асосие, ки навоварии илмии таҳқиқотро ташкил медиҳанд, инҳоанд:

- низомбандӣ намудани консепсияҳои илмии рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа ва дар асоси он ворид намудани саҳеҳӣ ба мафҳуми таҳқиқот мебошад. Тибқи он: «Рақобатнокии иқтисодиёти минтақа ин қобилияти маҷмӯавии мусоиди истеҳсолӣ, молиявӣ ва содиротии минтақа буда, дар сатҳи баланди фаъолнокии иқтисодӣ, ҷолибияти инвеститсионӣ, некӯаҳволии шоистаи аҳолӣ, самаранок истифодабарии захираҳои меҳнатӣ, табиӣ, сармоявӣ инъикос ёфта, ҷараёни истеҳсолот ҳам ба талаботҳои бозори дохилӣ ва ҳам бозори беруна ҷавобгӯ мебошад»;

- исбот намудани мавҷудияти методикаи гуногуни арзёбии вазъи рақобатпазирии минтақа, дар асоси он асоснок намудани бартарияти услуби интегралии арзёбӣ, ки ба се низоми алоҳидаи нишондиҳандаҳо такя менамояд. Онҳо чунинанд: якум, низоми индикаторҳои фаъолнокии иқтисодӣ, муҳити сармоягузорӣ; дуввум, сатҳи зиндагии аҳолӣ; саввум, мавҷудият ва самаранок истифодабарии захираҳои истеҳсолӣ. Алгоритми арзёбии рақобатпазирии иқтисодии минтақа коркард карда шудааст, ки пайдарпаии амалҳои муайянро инъикос менамояд;

- таҳқиқ намудани таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ оид ба таъмини рақобатпазирии минтақа, ки ҷанбаҳои ҷолибият барои омӯзиш дошта, барои қабул имконпазир аст. Алалхусус, ташкили мақомоти махсуси давлатӣ оид ба таъмини рақобатпазирии минтақа, яъни Шӯро оид ба

рақобатпазирӣ (таҷрибаи ИМА:), мавҷудияти департаменти махсуси рақобатпазирӣ; дар назди Вазорати савдои берунӣ ва саноат (Ҷопон); дар назди Вазорати рушди минтақаҳо (кишварҳои Аврупо). Муайян гардидааст, ки дар кишварҳои хориҷа бахри таъмини рақобатнокӣ бештар ба амалиёти маркетинги ҳудудӣ такя менамоянд, ки истифодабарии он дар минтақаҳои ҷумҳурӣ имконпазир аст;

- муайян намудани рақобатнокӣ тибқи нишондоди фаъолнокии иқтисодӣ ва ҷолибияти инвеститсионӣ, минтақаҳо чунин мавқеъбандӣ карда шудааст: ш. Душанбе – сатҳи хеле баланд; в. Хатлон – баланд; в. Суғд – миёнаи рақобатнокиро доранд. Исбот гардидааст, ки дар миқёси шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд сатҳи хеле баланди рақобатнокӣ дар шаҳрҳои Хуҷанд, Гулистон, ноҳияи Ҷ. Расулов хос буда, шаҳрҳои Бӯстон, Панҷакент, ноҳияҳои Б.Ғафуров, Мастчоҳ - баланд; шаҳру ноҳияҳои Айнӣ, Исфара, Спитамен, Ашт – миёна; шаҳру ноҳияҳои Истаравшан, Зафаробод, Истиқлол – сатҳи пасти рақобатнокӣ доранд;

- асоснок намудани рақобатнокӣ тибқи нишондоди сатҳи зиндагии аҳолӣ, ҳамзамон истифодаи самараноки захираҳо. Тибқи он, в. Суғд бо сатҳи баланди рақобатнокӣ арзёбӣ гардидааст (ш. Душанбе – хеле баланд; вилояти Хатлон ва НТҶ – сатҳи миёнаи рақобатнокӣ). Муайян гардидааст, ки аз рӯи сатҳи зиндагии аҳолӣ шаҳру ноҳияҳои Бӯстон, Гулистон, Хуҷанд – баланд; Б. Ғафуров, Ашт, Исфара, Конибодом, Ҷ. Расулов – миёна, дигар шаҳру ноҳияҳо дорои сатҳи пасти рақобатнокӣ мебошанд. Тибқи нишондоди истифодабарии захираҳо ба гурӯҳи сатҳи хеле баланд - ш. Бӯстон, ш. Хуҷанд; баланд – ш. Гулистон, н. Б. Ғафуров; миёна - Панҷакент, Ашт, Спитамен; ба гурӯҳи сатҳи пасти рақобатнокӣ - дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят ворид аст;

- асоснок намудани ҳисоби шохиси интегралии рақобатнокии минтақаҳо дар асоси якҷоя кардани қисмҳои таркибӣ. Муайян гардидааст, ки тибқи он ш. Душанбе мавқеи якум, в. Суғд дуввумро дорад. Исбот шудааст, ки ҳолати мазкур ғайриқонеъкунанда, зеро аз

нишондоди миёначумҳуриявӣ паст аст. Исбот гардидааст, ки шаҳру ноҳияҳои Бӯстон, Хуҷанд, Гулистон аз рӯи шохиси интегралӣ – ба гурӯҳи сатҳи хеле баланд; Б. Ғафуров, Ҷ. Расулов, Панҷакент, Айнӣ, Ашт – миёна; дигар шаҳру ноҳияҳо ба гурӯҳи сатҳи пасти рақобатнокӣ ворид аст;

- коркард ва пешниҳод намудани низоми чорабиниҳои ташкилӣ-идоракунӣ оид ба таъмини рақобатнокии иқтисодиёти худудҳои - маъмурии минтақавӣ, ки аз зеркисматҳои зерин иборат аст: якум, ташаккули механизмҳои институтсионалии мусоидаткунанда; дуввум, танзимоти таъсиррасонии мақомотҳои идоракунии маҳаллӣ, механизмҳои функсионалӣ - васоитӣ, барномавии - мақсаднок, методҳои мустақими танзимот; саввум, такомулдиҳии унсурҳои низоми идоракунии мақомотҳои идоракунӣ дар самти сохтор, технология ва захираҳо. Пешниҳод гардидааст, ки баҳри таъмин ва баланд бардоштани рақобатнокӣ стратегияи маркетингии минтақавӣ коркард карда шавад.

**Асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Натидахои таҳқиқот бо санҷишоти эътимоднокии маълумотҳо, кифоятии ҳаҷми маводҳои тадқиқотӣ, коркардҳои омории натиҷаҳои тадқиқот, нашриётҳо тасдиқ карда мешавад. Хулоса ва тавсияҳо бо таҳлилҳои илмии натичаҳои тадқиқотҳои назариявию санҷишӣ (эксперименталӣ) асос ёфтаанд. Дурустӣ ва асоснокии натичаҳои тадқиқот аз ҷиҳати методологӣ ва мавқеи назарияи илмҳои иқтисодӣ, бо маълумотҳои репрезентативию эксприменталии тасдиққунандаи дурустии гипотезаи пешниҳодшуда ва апробатсияи натиҷаҳо таъмин карда шудааст.

**Саҳми шахсии довталаб дар натиҷаҳое, ки дар диссертатсия оварда шудааст.** Натиҷаҳои асосии тадқиқоти илмӣ дар конференсияҳои сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, семинарҳои илмӣ- назариявии кафедраҳои баҳисобгирии муҳосибии Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ,

иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи ДДҲБСТ (солҳои 2015-2021) ба тариқи маърузаҳои илмӣ баён шудаанд.

**Ахамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Натиҷаҳои таҳқиқот дар рушди консепсияҳои илмӣ ва асосноксозии ҷабҳаҳои методии арзёбии рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа дида мешавад. Муқарраротҳои илмие, ки дар ҷараёни иҷроиши диссертатсия коркард шудаанд, метавонанд дар таҳия ва амалӣ намудани барномаҳо, стратегияҳо, консепсияҳо баҳри баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа истифода карда шаванд.

Хулосаҳои илмӣ ва таҳияи тавсияҳо барои мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар сатҳи минтақаҳо метавонанд баҳри таъмини афзалиятҳои рақобатӣ дар иқтисодиёти минтақаҳо истифода бурда шавад.

Натиҷаҳои муҳими таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби Раёсати минтақавии рушди иқтисод ва савдои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд дар таҳияи стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ истифода бурда мешаванд (маълумотнома дар бораи татбиқ тахти №67/ аз 3-уми июни соли 2022).

Қисматҳои алоҳидаи кори диссертатсионӣ, ки ба худ дастурҳои консептуалии барои баландбардории рақобатпазирии иқтисодиёти минтақаҳоро дар бар мегиранд, дар раванди омӯзиши фанҳои “Иқтисодиёти минтақа”, “Танзими давлатии иқтисодиёт” ва “Иқтисодиёти соҳаҳо” истифода бурда мешаванд (маълумотнома тахти №112 аз 13-уми июни соли 2022).

3. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо ҳаҷми 2,5 ҷ.ч.) ба табъ расонида шудаанд ва ҳамаи онҳо ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия алоқаманд мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ,

хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

4. Дар диссертатсияи Ҷураев М.Б. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровардa шуданд, ки аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

5. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Ҷураев М.Б. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи докторант чоп нагардида, мавҷуд нест.

Мутобиқи банди 61-и Низомномаи шурои диссертатсионӣ, ҳамчунин бандҳои 67, 69 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ гардидааст, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Ҷураев Меҳроҷ Бобоқулович дар мавзуи «Ташаккули рақобатнокии низоми иқтисодии минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-013-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад;

- бо пешниҳоди комиссияи ташхиси шӯрои диссертатсионӣ муқарризони расмии диссертатсияи мазкур шахсони зерин таъин карда шаванд:

- Рауфӣ Абдуғаффор – д.и.и., профессори кафедраи маркетинги соҳавӣ ва байналмилалии Донишшгоҳи технологии Тоҷикистон;

- Расулов Додулло Тоҷиддинович – н.и.и., дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии факултети баҳисобгирӣ ва иқтисоди рақамии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

2. Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон таъйин карда шавад.

3. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи муассиса ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

4. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи ташхис,
д.и.и., профессор Исмоилов М.М. ___________

Аъзоёни комиссия ташхис:
д.и.и., дотсент Раҳимов А.М. ___________
д.и.и., дотсент Абдуқодиров Х.А.___________

Имзои аъзоёни комиссияи ташхисро тасдиқ менамоям.

Котиби шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-013,
н.и.и., дотсент Самадова З.А.___________

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ... ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

«06» 10 2022